Тақриз

ба автореферати доктории Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Дар таърихи насри асримиёнагии форсу тоҷик нависандагони зиёде зуҳур кардаанд, ки бештари онҳо ҳанӯз ба таври пурра муаррифӣ ва асарҳояшон таҳқиқ нашудаанд. Рӯзгор, осор ва ҷанбаҳои ҳунарии эҷодиёти чеҳраҳои адабии то андозае шинохташуда ҳам ба таври комил таҳқиқ нашудаанд. Аз ҷумлаи чунин адибон Убайди Зокониро метавон ном бурд, ки аз ӯ то ба рӯзгори мо осори гаронбаҳое ҳам дар назм ва ҳам дар наср боқӣ мондааст. Дар ҳоле ки Убайди Зоконӣ ҳанӯз дар даврони зиндагонии худ шуҳрати адабиро дар эҷоди каломи манзум ва мансур касб карда буд, лекин дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти эҷодии вай дар сарчашмаҳо маълумоти бисёр каму нокофӣ оварда шудааст. Маълумоте, ки оид ба таърихи ҳаёти Убайди Зоконӣ ва эҷодиёти адабии ӯ дар сарчашмаҳо инъикос гардидаанд, бисёр ҷузъиву нокифояанд, ки ин ҳолат барои кушодан ва пурра равшан намудани зиндагинома ва мероси адабии Убайд мушкилотро ба бор меорад.

Бо назари таҳқиқ бингарем, ҳам осори адабии манзуми ва ва ҳам асарҳои мансури Убайди Зоконӣ, ки "Ахлоқ-ул-ашроф", "Ришнома", рисолаи "Дилкушо", "Садпанд", "Даҳфасл", "Мактуби қаландарон" ва "Наводир-ул-амсол" мебошанд, аз назари шеваи баён, сабки сухан ва хусусиятҳо ғоявию бадеӣ аз шоирони муосираш фарқ мекунанд. То кунун перомуни асарҳои мансури вай ба таври яклухту монографӣ таҳқиқ сурат нагирифтааст. Махсусан, масъалаи хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури адиб, ки мақсади асосии диссертатсияи мавриди тақриз баррасии он мебошад, то ҳол ба таври фарогир таҳқиқ нашудааст.

Аз ин дидгоҳ, кори Ғаффорзода Ш.Ҳ. дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи мавриди назар маҳсуб меёбад. Диссертатсияи унвонҷӯ дар қолаби муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома танзим шудааст. Бобҳои рисола ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони "Осори мансури Убайди Зоконӣ ва хусусияти жанрии онҳо" аз се фасл ва фасли охир аз панҷ зерфасл таркиб ёфтааст. Дар фаслу зерфаслҳои марбути ин боб масъалаҳои таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ, мақоми насри бадеӣ дар эҷодиёти адиб ва хусусиятҳои умдаи жанрии насри нависанда ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Мулоҳизаҳои унвонҷӯ дар зимни баррасии масъалаҳо шоёни таҳсин буда, натиҷагириҳо мустанаданд. Дар фасли охир осори мансури Убайди

Зоконӣ аз назари жанр ба латифа, ҳикоя, луғат, амсолу панд ва дигар жанрҳои адабӣ табақабандӣ шудаанд, ки чунин таснифот то кунун ба назар намерасид ва аз навгониҳои рисола ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, аз барасиҳои унвонҷӯ маълум мешавад, ки ҳамчун жанри насри бадеӣ шинохта шудани луғат қобили эътимод буда, дар навбати худ, махсуси эҷодиёти Убайди Зоконӣ мебошад.

Боби дуюми рисола, ки баррасии "Хусусиятҳои ғоявии осори мансури Убайди Зоконӣ"□ ро фаро гирифтааст аз панҷ фасл таркиб ёфта, масъалаҳои вижагиҳои ҳаҷву мутоиба дар осори мансури Убайди Зоконӣ, танз ва мухтассоти он, нақди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, шиква аз ҳоли худу нобасомониҳои рӯзгор таҳқиқ шудаанд. Унвонҷӯ ҳаҷву мутобиа ва танзро дар осори мансури Убайди Зоконӣ ҳамчун вожаҳои калидӣ ба эътибор гирифта, дар натиҷаи таҳқиқ ба чунин натиҷа расидааст, ки онҳо ба ҳайси мавзуи ҷудогунаву дурахшон ҷилва менамоянд ва адиб тавассути руҷуъ ба мавзуъҳои мазкур дар таърихи насри порсӣ ҳамчун адиби ҳазлгӯву ҳаҷвнигори беназир муаррифӣ шуда, осори ҳаҷвии ӯ дар сархатти осори ҳунарии нотакрори ҳаҷвӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми рисола "Хусусиятҳои бадеии насри Убайди Зоконӣ" номгузорӣ шуда, аз се фасл ва се зерфасл иборат аст. Зерфасли охир боз шомили ду бахш мебошад. Аз баррасиҳои унвонҷӯ бармеояд, ки насри бадеии Убайди Зоконӣ аз назари хусусиятҳои бадеӣ дорои вижагиҳои махсуси ҳунарӣ буда, дар боби зикргардида муҳимтарин вижагиҳои бадеии осори мансури адиб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Таваҷҷуҳи диссертантро ба сурати куллӣ масъалаҳои таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ, асарҳои мансури Убайди Зоконӣ аз назари хусусиятҳои жанрӣ, ғоявӣ, ба мисли вижагиҳои ҳаҷву мутоиба, танз ва хусусиятҳои он, нақди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, мазмунҳои марбут ба шиква аз ҳоли худ, нобасомониҳои рӯзгор ва хусусиятҳои бадеӣ, амсоли эҷози сухан ва балоғати калом, ҷузъиёти унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ, масъалаҳои сабк ва тарзи баён, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ ба худ ҷалб карда, ҳар кадом ба таври ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Яке аз муҳимтарин навгониҳои илмӣ дар диссертатсия баррасии фарогири хусусиёти сабкии осори мансури Убайди Зоконӣ ба ҳисоб меравад, ки бар асоси равиши ҷадиди шинохти сабки фардӣ анҷом пазируфтааст ва дар иртибот ба ин масъала ва дар пайванд бо мабоҳиси хусусиятҳои забонӣ, фикрӣ ва адабӣ дар кор муҳимтарин ва назаррастарин вижагиҳои осори адиб, ба мисли таваҷҷуҳи зиёд ба нукоти таърихӣ, корбурди вожаҳо ва ифодаҳову таркибҳои халқӣ, воқеиятнигорӣ дар баёни матолиб, истифода аз вожаҳову ибороти хароботиву ғайрипорсоёна, вожаҳои номустаъмали арабӣ, феълҳои

ноби форсӣ-тоҷикӣ дар тарҳбандии ҷумлаҳо, истифодаи муколама ва амсилаи шеърӣ дар матни ҳикоёт мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мухтассоти фавқуззикри осори адиб то ҳанӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври алоҳидаву густарда таҳқиқ нашуда буданд. Аз баррасиҳои унвонҷӯ бармеояд, ки Убайди Зоконӣ нависандаи соҳиби сабки фардӣ мебошад.

Дар ҷараёни баррасии мабоҳиси диссертатсия, ки аз фишурдаи он бармеояд, инчунин, ба таъйини ҷанбаҳои назарии ҳунари нависандагии Убайди Зоконӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар ду боби охир меҳвари андешарониҳои муаллифро хусусиятҳои назарию амали ҳунари нависандагии адиб ташкил додаанд.

Муаллиф перомуни масъалаҳои асосии матраҳшаванда ҷусторҳои илмии бисёрпаҳлу анҷом дода, бо далелҳои равшан муҳимтарин мухтассоти ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зокониро муайян кардааст. Ҳама мабоҳиси аслию фаръии дар диссертатсия баррасишуда хусусияти актуалӣ дошта, дар адабиётшиносии тоҷик дорои аҳаммият мебошанд ва интихоби мавзуи мазкур барои таҳқиқи монографӣ асоси илмӣ дорад.

Аз муҳтавои диссертатсия ва фишурдаи он бармеояд, ки Ғаффорзода Ш.Ҳ. ба мавзуъ ошноии комил дошта, барои таҳқиқ чунин доираи мабоҳиси илмиро таъйин кардааст, ки мантиқан ба ҳам алоқаманд ҳастанд: хусусиятҳои жанрии осори мансури Убайди Зоконӣ (латифа, ҳикоят, луғат, амсолу панд ва дигар жанрҳои адабӣ), вижагиҳои ғоявии осори мансури адиб (ҳаҷву мутоиба, танз ва мухтассоти он, нақди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, шиква аз ҳоли худ ва нобасомониҳои рӯзгор) ва хусусиятҳои хоссу боризи бадеӣ, ба мисли эҷози сухан ва балоғати калом, унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ, сабк ва тарзи баён, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ.

Муҳаққиқ дар заминаи кулли мабоҳиси аслию фаръӣ ва дар поёни ҳамаи бобу фаслҳову зерфаслҳо хулосабардорӣ намуда, дар охири диссертатсия ба натиҷагирии комили илмӣ омадааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии таҳқиқ гардидааст. Зимни таҳқиқ унвонҷӯ ба чунин натиҷа расидааст, ки Убайди Зоконӣ дар таърихи насри асримиёнагии форсу тоҷик яке аз нависандагони пурмаҳсулу ҳунарманде маҳсуб меёбад, ки дорои сабки махсуси нависандагӣ буда, тарҳи мавзуъ ва равиши баёни мазмунҳо дар асарҳои адиб махсуси коргоҳи эҷодии худи ӯ мебошанд.

Дар умум, муҳаққиқ Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло тавонистааст, ки дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ” кори муҳимму арзишманди пажӯҳишӣ анҷом бидиҳад. Фишурдаи мавриди назар ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои сершумор дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд:

1. Ҳарчанд забон ва услуби фишурда равону фаҳмост, аммо баъзан калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ ба назар мерасанд, ки ба ҷойи онҳо мавриди истифода қарор додани муродифоти тоҷикии онҳо мувофиқи мақсад аст.

2. Дар зерфасли фасли сеюми боби охир, дар бахши воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ барои тақвияти андеша мисолҳои хеле кам оварда шудаанд, умедворам, ки дар диссертатсия ин бахш муфассалтар матраҳ гардида бошад.

Камбудиҳои фавқуззикр арзиши илмии рисоларо ҳаргиз коҳонида наметавонанд, зеро муаллифи рисола вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст. Фишурдаи рисола фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назарию амалиаш ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор аст.

Муқарриз:
доктори илми филология, дотсент Ашурова Н.Ҷ.
29.09.2022

Имзои д.и.ф., дотсент Ашурова Н.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам

Сардори РККМ-и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Нишонии ташкилот: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.